**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба диссертатсияи Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзӯи «Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.24 - географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ.**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Симоилбеков Асрор Музофирович фарогири ҷабаҳои назариявӣ ва амалии ташкили самараноки сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар минтақаи сайёҳии Бадахшон мебошад, ки дар замони муосир мубрамияти бештарро пайдо мекунад. Мақсади асосии таҳқиқот ин илман асоснок намудани хулосаҳо оид ба устувор намудани соҳаи сайёҳӣ дар минтақаи сайёҳии Бадахшон ва бахусус ноҳияҳои сайёҳии он, инчунин тавсияҳо ва пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи самаранокии сарватҳои таърихию фарҳангӣ ва дуруст ба роҳ мондани соҳаи сайёҳи дар минтақа, нигаронида шудааст.

Бояд иброз намуд, ки дар робита бо мақсадҳои дар боло зикршудаи таҳқиқот, ҳамзамон доираи муайяни вазифаҳо низ муқарар гардидаанд, ки ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии онҳо мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсияи мазкурро ташкил медиҳанд.

Дар баробари ин истифодаи сарватҳои фарҳангӣ ва таърихии минтақа бо мақсадҳои сайёҳӣ тадқиқоти дақиқу асосноки илмиро талаб мекунад ва равшан намудани мушкилотҳои соҳа ва коркарди механизми аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи ҳаллу фасли онҳо, ба рушди самаранок ва устувори соҳа мусоидат мекунад.

Таҳқиқоти мазкур аввалин таҳқиқоти диссертатсионии ватанӣ дар самти истифодаи самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшон дар соҳаи сайёҳӣ буда, ғайр аз ин, бештар дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои тавсифоти сарватҳои таърихию

фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон ва баррасӣ намудани нақши онҳо дар рушди соҳаи сайёҳӣ; муайян намудани марҳилаҳои асосии инкишофи натиҷабахши сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар шароити минтақа; таҳлил ва асоснок намудани мушкилот ва афзалиятҳои стратегии сайёҳии таърихию фарҳангӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди он дар ҳудуди ВМКБ; ноҳиябандӣ намудани ҳудуди минтақаи Бадахшон вобаста ба мавҷудияти захира ва сарватҳои осори таърихию фарҳангӣ ва мусоидат ба ташкили муташакили фаъолияти соҳа; коркард ва тартиб додани модели тараққиёти иқтисодию иҷтимоии минтақавӣ. Бо мақсади инкишофи иқтисодиёти минтақа зарур аст, ки иқтидори сайёҳию рекреатсионии онро омӯхта ва мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шавад. Муқарароти мазкур аз он гувоҳи медиҳад, ки истифодаи сарватҳои таърихию фарҳангии минтақа дар соҳаи сайёҳӣ бояд ба талаботи замон ҷавобгӯй бошанд, то ки ҳангоми ташрифи сайёҳони ватанӣ ва хориҷӣ мушкилотеро ба бор наоранд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомёфтаи Симоилбеков А.М. маҳз ба ҳамин бахшида шуда дар шароити имрӯза мубрамияти хоси худро доро мебошад.

2. Диссертатсия таҳқиқоти илмиии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 25.00.24 - географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ мувофиқ буда ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияро барои ҳимоя дорад. пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Симоилбеков А.М. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Симоилбеков А. М. маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзӯи «Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.24 - географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

1. Умаров Хоҷимуҳаммад Умарович, д.и.и., профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва туризми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

2. Амонатова Маҳбуба Атоевна, н.и.г., дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – "Донишгоҳи байналмилмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" таъин карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

3. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.
4. Санаи ҳимоя 08.06.2023.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, аъзои Шуро **Шарифов З.Р.**

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, аъзои Шуро **Ҷураев А.Ч.**

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои география, аъзои Шуро **Қаландаров А.А.**

Имзои д.и.и., профессор З.Р. Шарифовро тасдиқ мекунам:
Сардор____________________________________
Суроға: 734036, ҶТ, ш. Душанбе, х. Рудакӣ, 146
Тел:(+99237) 224 72 07 , E-mail: rectortau31@mail.ru

Имзоҳои н.и. и., дотсент А. Ҷураев ва н.и.г., А. Қаландаровро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003 ш. Душанбе, х.Рудакӣ121.
www.tgpu.tj ; E-mail: info@tgpu.tj, тел: +992 (37) 224 13 83